**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА - 045 НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ» АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии № _________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 16.03.2023, №1**

Барои сазовор донистани Сабуров Ихтиёр Муҳидинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт.

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, санаи 15.12.2022 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №8-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми апрели соли 2022 таҳти №123 таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сабуров Ихтиёр Муҳидинович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 19.05. соли 1988 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст.

Соли 1995 ба синфи якуми ММТУ №7 шаҳри Хуҷанд рафта, соли 2006 муассисаи мазкурро бо баҳои хубу аъло хатм намудааст.

Мавсуф соли 2006 ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (ҳоло – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»), факултети кибернетика дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯи ихтисоси системаи автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ – бо касби муҳандис - иқтисодчӣ хатм кардааст.

Соли 2017 фаъолияти худро ҳамчун ассистенти кафедраи барномарезии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оғоз намудааст. Соли 2020 дар вазифаи муаллими кафедраи барномарезӣ фаъолияти худро давом додааст. Соли 2022 ба вазифаи муаллими калони кафедраи барномарезӣ интихоб гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 2-юми июли соли 2018, протоколи №13 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Қодиров Абдураҳмон Лакимович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ:**

**Ходжаев Парвиз Давронович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодию байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Назаров Акбар Шарифович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, узви Шурои диссертатсионӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоева Розиямоҳ Мансуровна омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа Табаров О.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ имзо гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13-уми феврали соли 2023 суратҷаласаи №7 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳушвақтзода Қобилҷон Хушвахт, аз 13-уми феврали соли 2023 тасдиқ карда шудааст, хулосаи мусбат додааст. Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович тадқиқоти ба итмомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудааст. Оид ба натиҷаҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф 8 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 7 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Автореферати диссертатсия қисмати асосии дисертатсияро фарогир мебошад. Диссертатсияи Сабуров И.М. ба шиносномаи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, махсусан ба қисматҳои: 1.4, 1.9 мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Муаллифи он, Сабуров Ихтиёр Муҳидинович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

**Мақолаҳое, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Сабуров И.М. Гузориши масъалаи оптимали гардонии рушди сайёҳӣ. [Матн] / А.Л. Қодиров, И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2020 .№2 (53) – С.111-118. ISSN 2077-4974.

[2-М] Сабуров И.М. Оптимизатсияи давра ба давраи динамикаи иқтисодии маҷмааи сайёҳи. [Матн] / А.Л. Қодиров, И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2020. №4 (55). – С.153-159. ISSN 2077-4974.

[3-М] Сабуров И.М. Истифодаи технологияи муосир дар соҳаи таълими интерактивии барномарезӣ: тамоюлҳо ва тараққиёт [Матн] / С.Ш. Низомиддинов, И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. Хуҷанд. - 2020. №1(62). –С.145-148. ISSN 2077-4990.

[4-М] Сабуров И.М. Интихоби гуногунченакаи сармоягузор ва ченаки ҳамсояҳои наздик [Матн] / М.М. Шарипова, И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2020. №4 (55). – С.144-146. ISSN 2077-4974.

[5-М] Сабуров И.М. Аз таҷрибаи сохтани шабакаи нейронӣ [Матн] / Д.А. Исмоилова, И.М. Сабуров, Ш.Қ. Умуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2021. №3 (58). – С.205-208. ISSN 2077-4974.

[6-М] Сабуров И.М. Инкишофи танзими давлатӣ ва моделиронии рушди сайёҳӣ дар минтақа. [Матн] / М.М. Исмоилов, М. Саидов, И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2021. №3 (58). – С.145-150. ISSN 2077-4974.

[7-М] Сабуров И.М. Моделиронии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд [Матн]. / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои

табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2022. №3(55). – С.149-155. ISSN 2077-4974.

[8-М] Сабуров И.М. Таснифи усулҳо ва моделҳои рушди соҳаи сайёҳӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе. - 2022. №8.– С.46-52. ISSN 2413-5151.

***Б) мақолаҳои дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои ба нашррасида:***

[9-М] Сабуров И.М. Нақш ва имкониятҳои тахтаҳои интерактивӣ дар омӯзиши фанни барномарезӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Конфренсияи таълимӣ-методии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир» бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Хуҷанд. - 2018.

[10-М] Сабуров И.М. Оптималгардонии рушди сайёҳӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (28 марти соли 2020). Душанбе. - 2020.– С.187-192.

[11-М] Сабуров И.М. Динамикаи оптималии рушди маҷмӯи сайёҳӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Саноаткунонӣ - омили рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ» (барои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯён) Бӯстон. – 2020.– С.137-139.

[12-М] Сабуров И.М. Системаи идоракунии базаи маълумоти тақсимотӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Маводи конференсияи байнидонишгоҳии илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни вилояти Суғд таҳти унвони «Системаи иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Хуҷанд. 03.04.2020.

[13-М] Сабуров И.М. Особенности периодов развития туризма в Таджикистане [Текст] / И.М. Сабуров // Известия Иссык – Кульского форума бухгалтеров и аудиторов сран Центральной Азии

Международный теоретический и научно-практический журнал «Известия И.К.Форума БАЦА» №4 (35). – 2021. ISSN 1694-7347 Бишкек –2021 –С. 66 – 70.

[14-М] Сабуров И.М. Динамическое моделирование в оптимизации сферы туризма [Текст] / И.М. Сабуров // Материалы республиканской научно-практической конференции «Современные проблемы прикладной математики и их роль в формировании технического мировоззрения общества» Худжанд-2021 .–С.71-73.

[15-М] Сабуров И.М. Амсилабандии рушди маҷмӯи сайёҳӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи (иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ). Душанбе – 2022.– С.188-193

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Набиев Тоҳир Толибович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар автореферат маълумотҳои оморӣ дар соҳаи сайёҳӣ оварда нашудааст. Автореферат аз пешниҳоди маълумотҳои оморӣ барои фаҳмидани ҳолати соҳаи сайёҳӣ бурд мекард;

- тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ ва тақсимоти он оварда шудааст, лекин дар амал кадом натиҷаро нишон медиҳанд дар автореферат оварда нашудааст.

**2. Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод:

- дар автореферати рисолаи овардашуда аз тарафи муаллиф формулаҳои риёзии ҷолиби диққат ва асосноккардашуда пешкаш гардидааст, аҳамияти илмии диссертатсия боз ҳам баланд мегардид, агар онҳо ба факту рақамҳои реалӣ арзёбӣ карда шаванд.

**3. Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- таҳлили илмии марҳилаҳои таърихии соҳа дар амсилаҳои рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ ҳарчанд ҷараён гирифтааст, афзун бар ин амсилаҳои мувофиқоварии рушди соҳа арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам баланд мекард;

- ҷой додани дефинитсияҳо, амсилаҳои схематикӣ, маводҳои иллюстратсионӣ ва диаграммаҳо ҳусни автореферaтро дигар менамуд.

**4. Мирсаидов Маҳмаднаим Негматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:

- дар автореферат баъзе хатоиҳои хусусияти техникидошта ба назар мерасанд;

- дар автореферат зиёдтар ҷой додани маводҳои иллюстратсионӣ ба намои кори таҳқиқотӣ ҳусни дигар медиҳанд.

**5. Наимов Бегмурод Қунғуротович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:

- хуб мешуд, агар диссертант рушди сайёҳии вилояти Суғдро ҷо-ҷо бо вазъи рушду густариши сайёҳӣ дар дигар минтақаҳои кишвар, масалан вилояти Хатлон ва ё Бадахшон муқоиса менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии амсиласозии эконометрикии рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва коркарди тавсияҳои амалӣ

оид ба рушди маҷмааҳои сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- муҳтавои маҳфумҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар илман асоснок гардидааст;

- тавсифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такмили афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ коркард шудааст. Дар тавсифот амсилаҳои иқтисодӣ - математикӣ дар натиҷаи таҳқиқ ва арзёбӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси рушди маҷмааҳои сайёҳӣ ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ асоснок пешниҳод карда шудааст;

- унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ коркард шудааст. Дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиёд арзёбӣ гардида, меёрҳои беҳтарини таҳияи амсилаҳои иқтисодию математикӣ фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ муайян карда шудааст;

- тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, таъсир ва тақсимоти он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ коркард шудааст. Ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрасӣ ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшуда ба комплекси сайёҳиро амсилаи

иқтисодию математикии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳии пешниҳодшуда ба пуррагӣ дар бар мегирад;

- амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад, коркард шудааст. Амсилаи динамикӣ вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд;

- нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ асоснок шудааст. Иқтидори азими сайёҳии Тоҷикистон ва вазъи воқеии маҷмааи сайёҳӣ ташаккули чунин сиёсатро ба зарурат табдил додааст. Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи муосири рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон тадбирҳои асосии дастгирии давлатии инкишофи маҷмааи сайёҳӣ коркард ва пешкаш шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст, ки дар диссертатсия рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ, шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ва тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ зоҳир мешавад.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойгирифта амсилаи динамикии пешниҳодшуда тақсимоти самараноки маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ таъмин менамояд. Ошкор гардидани унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ, коркарди меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии маҷмааи сайёҳӣ асоси рушди минбаъдаи амсилабандӣ хоҳад буд.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот**. Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки амсилаи таҳиягардидаи иқтисодӣ-математикии динамикӣ дар

амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд истифода шудааст. Ҳисобҳои таҷрибавӣ дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон доданд, ки амсилаи иқтисодӣ-риёзии пешниҳодшуда муносиб ва амалан дар компютерҳои муосир қобили иҷро мебошад ва ба тavri стандартӣ барномарезӣ шудааст. Амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои дар рисола таҳияшуда ба татбиқи стратегияи идоракунии рушди маҷмааи сайёҳӣ аз ҷониби мақомотҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Истифодаи амсилаи зина ба зинаи таҳияшуда дар шуъбаҳои сайёҳӣ барои асоснок кардани суръат ва самтҳои рушди сайёҳӣ, мушаххас кардани муқаррароти рушди сайёҳиро дар минтақа таъмин менамояд.

Истифода бурдан аз таҳлилу таснифи амсилаҳои асосии рушди сайёҳӣ, фаъолияти сайёҳӣ вобаста аз типҳо ва навъҳои фаъолияти сайёҳӣ, аҳаммияти методологии амсилаҳо, арзёбии амалии амсилаҳо ва дигар нишондодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, аз байн бурдани тадқиқи иловагиро барои интихоби амсила ё усули математикии мушахас бо тақозои масъалаи пешомада таъмин менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- коркарди амсиласозии иқтисодӣ ва математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ;

- тавсифи математикии маҳдудиятҳои ифоданамоии тақсимоти маблағҳо барои рушди маҷмааи сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашуда дар соҳаи сайёҳӣ вобаста аз манбаъҳои маблағгузорӣ;

- таҳияи алгоритми гурӯҳбандии маҷмааҳои сайёҳӣ барои таҳқиқу таҳлили онҳо, барои арзёбии хислатҳои хоси ҳар гурӯҳ. Гуруҳбандӣ дар вобастагӣ аз мушаххасоти микдорию сифатӣ иҷро карда мешавад;

- иштироки бевосита дар истифодаи амсилаи математикии иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- дар таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои муҳими самти рушди маҷмааи сайёҳӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд;

- истифода аз усулҳои муосири математикии оптималигардонӣ ва таҳлил, санҷиши таҷрибавии амсилаҳо, дар мисолҳои мушаххас, формулаҳои асосноки ҳисоб ва коркарди маълумотҳо саҳеҳии натиҷаи таҳқиқотро таъмин намудааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 16.03.2023 қарори сазовор донистани Сабуров Ихтиёр Муҳидинович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 9 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 9 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** Ҷӯрабоев Ғ.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** Абдуллоев А.

16 марти соли 2023